**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара н.и.т., д.и.п.
____________ Шоҳиён Н.Н.
«_18_» _10__________с.2022.

**Хулосаи**

Донишгоҳи давлатии Данғара ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих).

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии факултети идораи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара ичро гардидааст.

Унвонҷӯ Раҳимзода Қурбоналӣ Назар соли 2013 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқи тиҷоратӣ хатм намуда, ба ӯ касби ҳуқуқшинос дода шуд.

**Роҳбари илмӣ** – Расулиён Қаҳҳор Расул, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ** – Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич, доктори илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои диференсиалӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 30-юми январи соли 2019, таҳти №6 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Данғара соли 2021 шаҳодатномаи №02 дар бораи супоридани минимуми имтиҳонҳои номзадӣ дода шудааст:

- Фалсафа ва методологияи илм, баҳои “аъло”, 25 декабри 2020;
- Забони хориҷӣ (забони англисӣ), баҳои “хуб”, 17 апрели 2021.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Таркиби рисола аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо иборат мебошад.

Кори диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар – «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» тадқиқоти илмии мустақилона ва эҷодкорона анҷомёфта буда, бо навовариҳои худ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти муаллиф дар диссертатсия гузошташуда ҳал гардида, натиҷаҳо ва хулосаҳо асоснок бароварда шудааст. Муаллиф қобилияти истифодаи методҳои муосири таҳлил, гузаронидани таҳқиқоти мустақили илмиро нишон дода, хеле мушикофона ва жарфт ба масъала муносибат намуда, диссертатсияи худро омода ва пешниҳод намудааст.

Омӯзиши таърихи халқи тоҷик барои мо дар шароити имрӯз аҳамияти махсус дорад. Зеро дар дунё имрӯз равандҳои зиёди глобализатсионие рӯи кор омадаанд, ки ҳадафашон аз нест кардани дастовардҳои тамаддуни гузашта мебошад. Дар шароити муосир бо мурраккаб гардидани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҳар ҷиҳат омӯзиш ва таҳқиқи фарҳанг ва таърихи гузашта барои рушду инкишофи худшиносиву худогоҳии миллати тоҷик заминаи боэътимод фароҳам оварда, миллатро аз нестшавӣ ва фарҳангро аз харобшавӣ нигоҳ медорад.

Дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи дастовардҳо ва корнамоиҳои фарзонафарзандони миллати тоҷик мо решаҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллиро рушд дода, эҳсоси ватандорӣ ва ифтихор аз тоҷик буданро дар замири насли навин бедор менамоем.

Рисолаи баррасишаванда ба яке аз мавуъҳои муҳим ва актуалии замони муосир бахшида шуда, дар рушд ва инкишофи илми таърих ва илми ватанӣ саҳми арзандае мегузорад.

Боиси зикри хос аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқоти илмӣ қароргирифта, ба омӯзиш ва таҳқиқи яке аз масъалаҳои ниҳоят зарурӣ дар шароити имрӯза – ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII бахшида шудааст. Аз ин ҷиҳат дар накшаи таҳқиқ, пеш аз ҳама, ба пажуҳиши таърихи илми асримиёнагии халқи тоҷик дар риштаҳои гуногуни илм, заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо, давраи нашъу намои улуми таббиӣ ва тиб диққати асосӣ дода шудааст. Сабаби омузиши мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки то ба ҳол дар ин самт таҳқиқоти мукаммали илмӣ сурат нагирифтааст. Баъзан мақолаву фишурдаҳо перомуни таърихи илм дар асрҳои XI-XII таълиф шуда бошанд ҳам, ин мақолаҳо ба таври бояду шояд ҳаёти илмии ин давраро пурра инъикос намекунанд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши мавзӯи мазкур барои рушди минбаъдаи илми ватанӣ мусоидат намуда, муаллиф омӯзиши масъалаи мазкурро саривақтӣ медонад.

Бояд гуфт, ки дар асрҳои XI-XII низ риштаҳои гуногуни илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо давраи нашъунамои худро сипарӣ менамуд. Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар нуктаҳои зерин таҷассум меёбад:

1. Ба авҷи аъло тараққӣ ёфтани илмҳои дақиқ, бахусус нуҷум (астрономия) ва риёзиёт (математика), тавассути осори Кушёри Гелонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Аҳмади Касравӣ, Шарофуддин Муҳаммади Бухорой ва дигарон.

2. Идомаи тараққиёти илми тиб то дараҷае, ки аз чаҳор тан бузургтарин пизишкони ҷаҳони асримиёнагӣ, ки ҳамаи онҳо тоҷик буданд, Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Ҷузҷонӣ дар давраи мавриди назари мо зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

3. Рушди илмҳои фалсафа тавассути донишмандони бузурге чун Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммади Ғаззолӣ, Носири Хусрав, Ибни Мискавайҳ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Фахруддини Розӣ ва ғайра.

4. Вусъат ёфтани таърихнависӣ дар дарбори ҳокимони асрҳои XI-XII. Чунки ҳамаи подшоҳон мехостанд бартарӣ ва шукӯҳу азамати худ ва хонадони худро нишон диҳанд.

5. Аз ватани аслии худ, яъне Хуросони бузург берун баромадани забони порсии тоҷикӣ ва густариши он то Осиёи Сағир ва сарзамини Ҳинд ва ба забони байналмилалӣ табдил ёфтани он.

6. Густариш пайдо намудани адабиёти порсии тоҷикӣ.

7. Маъмул гардидани истифодаи вожаи «тоҷик» ибтидо дар шакли «тозик» дар муқобили вожаи «турк»

8. Пайдо гардидании доираҳои бузурги илмию адабӣ дар пойтахтҳои давлатҳои мавҷуд дар асрҳои XI-XII.

9. Маҳз дар асрҳои XI-XII бузургтарин осори тиббию фалсафии донишмандони тоҷик, бахусус Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино ба Аврупо сар дароварда, ибтидо ба забони лотинӣ, баъдан ба дигар забонҳои асосии аврупоӣ тарҷума гардида, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд.

10. Шуҳрати олимони давраи мавриди назари мо то ҷое расида, ки донишманди маъруфи амрикоӣ Ҷорҷ Сартон асри ёздаҳро асри Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём номидааст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия маълум гардид, ки дар кор як қатор навовариҳои илмии таҳқиқот мавҷуд мебошад:**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, муқаррароти зерини илмӣ низ навгониҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд:

- асарҳои дорои аҳамияти муҳими илмӣ доштаи олимони соҳаи илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ таҳлил шудаанд;
- муҳимтарин асарҳои донишмандони соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносии асрҳои XI-XII мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;
- бархе аз асарҳои чопнашудаи донишмандони ин давра ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд;
- ба корҳои илмии анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷие, ки ба мавзуи таҳқиқшаванда марбутанд, баҳои илмӣ дода шудааст.

Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихон истифода гарданд. Муҳаққиқони соҳа аз равияҳо, усулҳои таҳқиқоти муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи ҷанбаҳои ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои миёна метавонанд васеъ истифода баранд.Натиҷаи таҳқиқот метавонад барои анҷом додани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи илми тоҷик дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла фалсафа, табиатшиносӣ, риёзиёт ва ғайра кумак намояд. Аз таҳқиқот метавон ҳангоми омода намудани матни лексияҳо, датурҳои методӣ, гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, омода кардани маводи таълимии таърихи халқи тоҷик, таърихи илм, таърихи фалсафа, фарҳангшиносӣ, табиатшиносӣ васеъ истифода намуд.

Маводҳои диссертатсия, аз ҷумла, натиҷаҳои таҳлили ҳаматарафаи системавӣ, таҳқиқоти назариявӣ, усулҳои истифодашуда, бозёфтҳо ва тавсияҳо дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва курсҳои махсус метавонанд истифода мешаванд.

Муҳтавои рисолаи илмӣ дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон, унвонҷӯёну аспирантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар маҷаллаҳо ва маводи конференсияҳо инъкос шудааст.

## ИНТИШОРОТИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақолаҳои ки, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъб расидааст:**

[1-М] Раҳимзода Қ.Н. Инъикоси таърихи ҷаҳон дар осори муаррихони асрҳои XI-XII тоҷик // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7. Душанбе, 2020. – С. 130-133.

[2-М] Раҳимзода Қ.Н. Осори илмии Умари Хайём // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, - №5(88). Душанбе, 2020. – С. 274-279.

[3-М] Раҳимзода Қ.Н. Саҳми донишмандони тоҷик дар рушди астрономияи асрҳои XI-XII. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 5. Душанбе, 2021. – С. 60-69.

[4-М] Раҳимзода Қ.Н. Давраи таҳаввулот дар таърихи фалсафаи тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, №3 (92). Душанбе, 2021. – С. 263-268.

[5-М] Расулиён Қ.Р., Раҳимзода Қ.Н. Густариши доираи забон ва адабӣ форс-тоҷик дар асрҳои XI-XII // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 5. Душанбе, 2022. – С. 44-54.

[6-М] Раҳимзода Қ.Н., Расулиён Қ.Р., Шамсудинов Ф.М. Нақши Умари Хайём дар рушди илми математика ва астрономия. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. № 2/4 (105). Бохтар. 2022. – С. 112-116.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд**

[7-М] Самадов С., Раҳимзода Қ.Н. Рушди тиҷорат ва косибӣ дар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои миёна. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 1 (1). Душанбе, 2021.– С. 186-192.

[8-М] Раҳимзода Қ.Н. Аз ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии олимон ва мутафакирони тоҷик дар асрҳои XI-XIII . Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 2 (2). Душанбе, 2021. – С. 139-143.

[9-М] Раҳимзода Қ.Н. Ташаккули тибби тоҷик дар асрҳои миёна ва нақши барҷастаи Абуалӣ ибни Сино дар он. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 3 (3). Душанбе, 2021. – С. 146-152.

[10-М] Раҳимзода Қ.Н. Ибни Надим ва «Феҳрист»-и ӯ. Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ. № 3 (3). Душанбе, 2021. – С. 164-171.

[11-М] Раҳимзода Қ.Н. Вазъи таърихнигории тоҷикон аз сукути Сомониёт то ҳамлаи муғул. Мақолоти таърихи (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). Душанбе "Шоҳин-С", 2022. – С. 120-135.

[12-М] Раҳимзода Қ.Н. Саҳми донишмандони тоҷик дар пешрафти илми тибби асримиёнаги XI-XII. Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир". Душанбе, 2022. – С. 192-200.

Ҳамин тариқ, Раҳимзода Қурбоналӣ Назар вазифаҳои рисоларо бо муваффақият иҷро намуда, кори диссертатсионии ӯ таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, метавонад дар рушди илми таърихи ватанӣ саҳм мегузорад.

Мавод ва методҳои истифодашуда, инчунин методологияи омӯзиш ба ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳо, татбиқи амалӣ ва сифати тарроҳии диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар – «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) барои баррасии сатҳи болоӣ тавсия дода мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара қабул карда шудааст. Протоколи №3, аз 18-уми октябри соли 2022.

Дар маҷлис 13 нафар, ки аз онҳо 3 нафар доктор ва 6 нафар номзади илм, 2 нафар саромӯзгор ва 2 нафар ассистент иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» – 13 нафар, «зид» –нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис мудири
кафедраи таърихи умумӣ Алишери А.

Котиб маҷлис Таваров Ф.

Имзои Алишери Амирхон ва
Таваров Ф ируз-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Данғара Ҷаббори Н.